# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали дар мавзуи “Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

1. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ накши муассир дошта, ҳадафи он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ҳеҷ кас гунаҳгор дониста намешавад, то замоне ки ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани ӯ ба қувваи қонунӣ надарояд. Шоёни зикр аст, ки вобаста ба принсипи мазкур дар баробари санадҳои дохилидавлатӣ, ҳамзамон дар санадҳои байналмилалӣ низ аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, Статути Римии суди байналмилалии ҷиноятӣ ва ҳамчунин Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса меъёрҳои мушаххас ба таври зарурӣ оварда шудааст. Дар қонунгузории миллӣ принсипи мазкур дар моддаи 20 – и Конститутсияи ҶТ ва моддаи 15 – и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ дарҷ гардидааст, ки мутобиқи он: “ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад”. Мақсад ва моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки айбдоркунии беасос ва маҳкумкунии ғайриқонунӣ аз байн бурда шавад. Аз ин хотир, мақомоти таъқиби ҷиноятиро зарур аст, ки дар чораёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро ба таври пурра, ҳамаҷониба ва холисона ба инобат гирад ва нисбат ба шахс эҳтиёткорона муносибат намояд.

Қобили қайд аст, ки эҳтимолияти бегуноҳӣ сирф моли мурофиаи ҷиноятӣ нест ва он аз сиёсат ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид гардидааст. Замоне онро ҳамчун шиори сиёсӣ истифода мебурданд. Вале эҳтимолияти бегуноҳӣ на шиор, на эъломия ва на ягон санади меъёрист, балки ҳолати воқеи ва ҳуқуқии инсон аст.

Ҳамин тариқ, эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи инсондӯстона ва адолатпарвар ба ҳисоб рафта, дар ҳама давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ шахсро аз ҳар гуна таҷовузҳои ғайриқонунӣ ва маҳкумкуниҳои беасос эмин нигоҳ медорад ва озодии ӯро ҳамчун фарди бегуноҳ кафолат медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона омода гардидааст ва навгониву пешниҳодҳои овардашуда, дар шароити кунунӣ бисёр муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Зимнан бояд иброз дошт, ки натиҷа ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ метавонанд дар мурофиаи ҷиноятӣ, такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ва ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва инчунин амалияи тафтишотӣ ва судӣ фаррох истифода шаванд, ки он аз саҳми шахсии унвонҷӯй далолат медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 воситаи таълимӣ ва 14 мақолаҳои илмӣ, аз ин миён 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба табъ расидааст. Дар интишорот аз ҷониби унвонҷӯй натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оварда шудааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода М.Ш., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шерализода Миралӣ Шерали дар мавзуи "Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм;

– Абдуллоева Мадина Камоловна – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати

Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Муҳаммадиев И.С.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шарипов Т.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судӣ — Давлатзода Д.Д.

05.10.2024.

Имзои / подпись Шарипов Т.Ш. ва Давлатзода Д.Д.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

ДДҲБСТ
имзои д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Б.